**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**аз «06» 09 соли 2024 № 323/yu ш. Душанбе**

*Дар бораи рад кардани додани унвони илмӣ*

Мутобиқи сархати 18 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270), бандҳои 33, 34, сархати 2 банди 38 ва банди 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дархости Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2023, № 01/2869-03 «Дар бораи ба Сатториён Матлубахон Амонзода додани унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси Забоншиносӣ», бинобар риоя нагардидани талаботи сархати 4 банди 10 ва банди 12 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷиикстон аз 30 июни соли 2021, № 267) рад карда шавад.
2. Пешниҳоди такрории парвандаи аттестатсионии Сатториён М.А., танҳо пас аз 1 (як) сол аз санаи ба тасвиб расидани фармоиши мазкур амалӣ карда шавад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Ворисзода Ҳ.С.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М., вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 сентябри соли 2024, № 9

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ